«Тасдиқ мекунам»:
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
__________Қурбонзода М.Р.
аз «22» ______05______ 2025.

# ХУЛОСАИ
## кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст. Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Холмуродзода Ф.Ш. унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба шумор мерафт.

Холмуродзода Ф.Ш., солҳои 2009-2013 дар факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳсил намудааст. Соли 2013 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зинаи магистратура дохил шуда ва соли 2014 дар асоси шартномаи дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Руссия оид ба таҳсили мубодилавӣ ба Донишгоҳи дӯстии халқҳои Федератсия Руссия интиқол ёфта, соли 2015 ин муассисаи бонуфузи хориҷро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмилалӣ хатм намудааст. Номбурда бо фармоиши ректори донишгоҳ аз «5» майи соли

2021, №158-фа ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» қабул карда шудааст.

Холмуродзода Ф.Ш. дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-хуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабзода Маҳмадёр Носир таҳқиқот бурда истодааст. Оид ба имтиҳонҳои минимуми номзадӣ маълумоти дахлдор қайд мегардад.

1.Таърих ва фалсафаи илм, санаи 29 июни соли 2022 бо баҳои аъло.

2.Забони хориҷӣ (забони англисӣ), санаи 31 январи соли 2023 бо баҳои хуб.

3.12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, санаи 10 феврали соли 2025 бо баҳои аъло.

Диссертатсияи Холмуродзода Ф.Ш. дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 17 майи соли 2025, №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст. Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-хуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

Диссертатсияи Холмуродзода Ф.Ш. аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ омода гардида, номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос мутобиқат менамояд. Мавзӯи диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки рушди илм ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла такмили низоми ҳуқуқӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, унификатсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ, алоқамандии зич дорад. Ин таҳқиқот метавонад барои рушди қонунгузории миллӣ, баланд бардоштани самаранокии танзими

муносибатҳои фаромарзӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ саҳми арзанда гузорад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст ва ҳамчунин унвонҷӯ дар 10 конференсияҳои ва конгресҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни диссертатсияаш маърӯзаҳо намуда натиҷаҳои таҳқиқоташро фаъолона муаррифӣ кардааст, ки мазмуни мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва конференсияҳо, хусусан онҳое, ки ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва ҳуқуқи инсон дар равандӣ ҷаҳонишавӣ бахшида шудаанд, ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат мекунанд.

Саҳми шахсии довталаб дар омӯзиши амиқи адабиёти илмӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии дуҷонибаву бисёрҷониба дар самти танзими муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ маншаъ мегирад ва дар сатҳи навоварии илмии рисола, бахусус таҳлилҳои назарӣ ва амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳодшуда ва хулосаҳое, ки натиҷаи бевоситаи муаллиф мебошанд, асос меёбад. Ҳамзамон, тарзи навишт, роҳҳои ҳалли масъалаҳо ва усули таҳқиқи рисола саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Диссертатсияи Холмуродзода Ф.Ш. дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ихтисоси 12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба банди 4 ва зербандҳои 4.1., 4.2., 4.3., 4.9., 4.10., 4.11., 4.21., 4.22. ва 4.23. шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат менамояд:

4.1. Предмет, метод ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Системаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Таҳқиқи нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ бевосита ба предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дахл дорад.

4.2. Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Шартномаҳои байналмилалӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошанд ва нақши онҳо дар диссертатсия таҳлил мегардад.

4.3. Унификатсия ва ҳамоҳангсозии ҳуқуқи хусусӣ. Шартномаҳои байналмилалӣ аксар вақт воситаи асосии ягонасозӣ ва ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошанд.

4.9. Аҳдҳои дорои хусусияти байналмилалӣ. Муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ аксар вақт шакли аҳдҳои дорои хусусияти байналмилалиро мегиранд.

4.10. Масъалаҳои умумии коллизионии ӯҳдадориҳое, ки аз аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ба вуҷуд меоянд. Принсипи автономияи иродаи тарафҳо ва қонуни алоқаи наздиктарин. Гарчанде ки мавзӯи асосӣ на масъалаҳои коллизионӣ бошад ҳам, шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ метавонанд ин принсипҳоро дар бар гиранд.

4.11. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ: ... (вобаста аз мушаххасоти шартномаҳои таҳқиқшаванда).

4.21. Мерос дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

4.22. Муносибатҳои оиладорӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

4.23. Раванди мурофиавии гражданий байналмилалӣ: ... (дар қисми танзими муносибатҳои мурофиавӣ-маданӣ бо унсури хориҷӣ).

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуи ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 13 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Холмуродзода Ф.Ш. Асноди байналмилалӣ ҳамчун усули ба як шакл даровардани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №10, қисми I. – С. 232–241. – ISSN 2413-5151;

2. Холмуродзода Ф.Ш. Вазъ ва нақши шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ – 2020. – №4 (36). – С. 173-185. – ISSN2305-0535;

3. Холмуродзода Ф.Ш. Танзими муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ: хусусиятҳои шартномаҳои байналмилалӣ бо унсури хориҷӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ – 2021. – №4 (40). – С. 120-125. – ISSN2305-0535;

4. Холмуродзода Ф.Ш. Заминаҳои ҳуқуқии эътирофи шартномаи байналмилалӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2021. – № 3 (35). – С. 172 – 182. – ISSN 2307 – 5198;

5. Холмуродзода Ф.Ш. Шартномаи байналмилалӣ ҳамчун тарзи ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Фурӯғи илм. 2024 – №3 (03). – С. 126 – 135. – ISSN 3078-395X

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

1. Холмуродзода Ф.Ш. Холмуродзода Ф.Ш. Моҳият ва нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи илмӣ – назарявии байналмилалӣ бахшида ба 28 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 – солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22 – солагии Ваҳдати миллӣ мавзуи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир». – Бохтар 2019. – С. 313 – 315;

2. Холмуродзода Ф.Ш. Моҳият ва ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. –С. 417 – 434;

3. Холмуродзода Ф.Ш., Умарахунов И.М., Шартномаи байналмилалӣ ҳамчун тарзи ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Рушди илми ҳуқуқ дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2022. – С. 237–258;

4.Холмуродзода Ф.Ш. Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ // Маводи конфронсия байналмилалии илмӣ-амалӣ «XII Хониши Ломоносӣ», бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (29-30 апрели соли 2022). Қисми II. Илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ. – Душанбе, 2022. – С. 641–649;

5.Холмуродзода, Ф.Ш., Саидов, М.И. Проблемаҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар замони муосир // Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ: маводи IV-умин конференсияи байналмилалии илмӣназариявӣ бахшида Рӯзи ҳуқуки инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 281-284;

6.Холмуродзода Ф.Ш. Хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқи бо унсури хориҷӣ // Маҷаллаи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Endless Light in Science». – Ҷумҳурии Қазоқистон, Остона 2023 январ № 1. – С. 565 – 569;

7.Холмуродзода Ф.Ш. Нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои мурофиаи гражданӣ-ҳуқуқӣ // Маводи конфронсия байналмилалии илмӣ-амалӣ «XIII Хониши Ломоносӣ», бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров (28-29 апрели соли

2023). Қисми II. Илмҳои гуманитарӣ (ҳуқуқ, иқтисод). – Душанбе, 2023. – С. 261 – 271;

8.Холмуродзода Ф.Ш. Нақши шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ // III Конгресси байналмилалии байнисоҳавии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», 16–17 апрели соли 2024, ш. Москва: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳти таҳрири д. ю. н., профессор Б. А. Шахназаров. — М.: Маркази нашриёти Донишгоҳи ба номи О.Е. Кутафин (МГЮА), 2024. — С. 60 – 63;

9.Холмуродзода Ф.Ш. Шартномаҳои байналмилалии хусусӣ-ҳуқуқӣ ва нақши онҳо дар рушди муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Нақши Комиссияи олии аттестатсионӣ дар таъмини соҳибистиқлолии илмии Тоҷикистон» бахшида ба 30 – солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 – Соли маърифати ҳуқуқӣ ва 10 – солагии таъсисёбии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2024. – С. 61 – 66;

10.Холмуродзода Ф.Ш. Нақши Конститсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилали дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқи бо унсури хориҷӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар» 1–2 ноябри соли 2024, ш. Бохтар. – С. 161 – 169;

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Холмуродзода Ф.Ш. дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.ҳ., аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Холмуродзода Ф.Ш. дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» 17 майи соли 2025, №10 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: н.и.ҳ. дотсент, Қодиров Н.А., н.и.ҳ. дотсент, Қодирқулов Х.Р. н.и.ҳ. дотсент, Раҷабзода М.Н., н.и.ҳ. дотсент, Сафарбекзода Ҳ.С. н.и.ҳ. Қодирзода Б.Б., н.и.ҳ. дотсент, Абдурҳимзода С.Қ., н.и.ҳ. Аминҷонов А.Х., д.и.с. Саидов А.С., н.и.с. Мадвалиев Ҷ.А., н.и.ф. Субҳонзода С.И., н.и.и. Нориён Ф., н.и.и. Шодиев Б., ва омӯзгорон Азимзода Ҳ.Р., Муҳиддинов А.Д., Аблаева М.Ҳ., Ҳабибуллозода Қ., Саидзода Д.С., Набизода Э.Қ. ҳамагӣ – 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:** **Абдураҳимзода С.Қ.**

**Котиби ҷаласа:** **Аблаева М.Ҳ.**

**Имзоҳои Абдураҳимзода С.Қ. ва Аблаева М.Ҳ. - ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав», дотсент** **Исозода Т.И.**